**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ ТАЪРИХИ ДИН

Душанбе – 2023

Бо қарори Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф № 11/35, аз 30.11.2023 тасдиқ шудааст.

**Мураттибон: Н. Ҳакимов - номза**ди илмҳои таърих, дотсенти кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ гуманитарии ДҶТИБКСМ.
**М. Ҷумахонова** – номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, мудири кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ гуманитарии ДҶТИБКСМ.

**Муҳаррир: Ҳ. Ҳалимова** -омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ гуманитарии ДҶТИБКСМ

**Муқарризон: М.Мардинаева** –ходими калони илмии шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт,барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ ПРМ АТТ;
**Б. Ҳайдаров-** мутахассиси МҶТМ

Барномаи таълимӣ дар асоси стандарти давлатии муассиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия шуда, роҳҳои истифодаи усулҳои фаъол ва технологияи инноватсионӣ дар таълимро ба талаботи низоми муосири таҳсилот муайян менамояд.

Барномаи мазкур ба омӯзгорон, шунавандагони курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни таърихи дин ва дигар хоҳишмандони фан тавсия карда мешавад.

# ПЕШГУФТОР

Сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқиислоҳоти куллии соҳаи маориф равона гардидааст. Яке аз роҳҳои асосии рушди соҳаи маориф ин баланд бардоштани малакаю маҳорат ва такмили ихтисоси омӯзгорон ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, такмил додани малака ва маҳорати касбии омӯзгор тибқи талаботҳои ҷомеа ва замони муосир яке аз вазифаҳоест, ки имрӯз дар назди Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф меистад. Аз худ намудани усулҳои нави таълимӣ, иттилоъ доштан аз навигариҳои илму техника ва технологияи педагогӣ ҳатман ба такмили дониши омӯзгор, ба навоварии ӯ ва ба баланд шудани дониши хонандагон мусоидат менамояд.

Тайи чанд соли охир ба роҳ мондани таълиму омӯзиши фанни таърихи дин дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба баланд бардоштани маърифати динии хонандагон мусоидат намуда, онҳоро дар рӯҳи тарбияи таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллию умумибашарӣ раҳнамун месозад.

Дин ҳамчун яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ то ба имрӯз таъсиррасон буда, нақши муайянеро дар ҷомеа мебозад. Он дар тарбияи ахлоқию маънавии ҷомеа ва ташаккули ҷаҳонбинии шахс бевосита таъсиргузор аст.

Фанни таърихи дин масъалаҳои таърихи пайдоиш, густариш ва таҳаввулоти динҳо ва равияҳои гуногуни диниро меомӯзад. Таърихи дин пайванди ақидавии таълимоти гуногуни эътиқодӣ ва маънавии инсонро дарбар мегирад. Таърих собит менамояд, ки тамаддуни қавму халқиятҳои гуногун умумияти зиёде дошта, ба ҳамдигар таъсир ва аз ҳамдигар илҳом гирифтаанд.

Дониши васеъ ва мукаммал дар бораи дин доираи ҷаҳонбинии инсонро васеъ намуда, таҳаммулпазирии ӯро қавӣ месозад ва дар омӯзиши таърихи тамаддуни умумибашарӣ ёрӣ мерасонад. Бинобар ин,омӯзгори фанни таърихи динро зарур аст, ки дониши худро дар омӯзиши муқоисавии динҳо мукаммал намуда, бо ин роҳ динро ҳамчун яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ ба хонандагон баррасӣ намояд.

Барномаи таълимии  мазкур барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони  фанни «Таърихи дин» дар ҳаҷми 54 соат (22 соат –назариявӣ, 32 соат – амалӣ), бо назардошти собиқаи фаъолияти педагогии омӯзгорон (шунавандагон) дар се бахш таҳия шудааст.

**Мақсади асосии  барнома:** Баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони фанни номбурда, тавассути ошноӣ бо дастовардҳои нави олимони ин соҳа ва роҳу усулҳои нави таълим, методҳои умумӣ ва хусусии таълими ин фан бо истифодаи тарзҳои нави  инноватсионии таълим мебошад. Он бо низоми муносибати босалоҳият ба таълим ба роҳ монда шуда, аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Дар барнома омӯзгорон бо вазифа ва мазмуни курс, роҳу усул ва шаклҳои гуногуни ташкили машғулиятҳо аз фанни таърихи дин, робитаи фанни мазкур бо дигар фанҳои таълимӣ, таърихи ташаккули динҳои ибтидоӣ, динҳои миллӣ ва дар охир ба таърихи пайдоишу  таҳаввулотҳои динҳои ҷаҳонӣ ошно мегарданд.  Инчунин, ба масъалаҳои ташаккули касбӣ, маҳорати педагогӣ ва фаъолияти омӯзгор диққат дода шудааст.

Шунавандагони курсҳои такмили ихтисос дар ҷараёни таълим аз сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, аснодҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва амсоли инҳо маълумот мегиранд. Онҳо дар рафти

курс доир ба воситаҳои нави иттилоотӣ огоҳ шуда, роҳҳои истифода намудани онҳоро меомӯзанд.

Дар таҳияи барнома бештар методҳои интерактивӣ ҳамчун замина ба инобат гирифта шудаанд, ки онҳо истифодаи роҳу усулҳои гуногуни таълимро тақозо менамоянд. Зеро, азхудкунии тарзу усулҳои гуногуни таълим ва муқоисаи онҳо ба усулҳои анъанавӣ ба омӯзгор имконият медиҳад, ки барои баланд бардоштани маънавиёти хонандагон роҳҳои зиёдеро интихоб кунад, то тавассути онҳо савияи дониши шогирдонро ба андозаи имкон мукаммал ва афзун созад.

Дар рӯйихати адабиёти истифодашаванда адабиёти марбут ба мақсаду маром ва масъалаҳои таълими фанни таърихи дин дахлдошта, тавсия дода мешаванд.

Нақша- барнома аз чор қисм иборат аст:

**1.Мақсади таълим-** мақсадҳои мушаххаси таълимие, ки барои ҳосил шудани салоҳияти муайян равона шудаанд.

**2.Мавзуъ ва мундаричаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундаричае, ки тавассути азхуд кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд.

**3.Фаъолияти таълим** – аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзуъ ва мундариҷа азхуд карда шуда, таҳлилу баррасӣ меёбанд, иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

**4.Вақт** – ченаки эҳтимолие, ки барои ноил шудан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод мегардад.

**Талаботи барнома:**

Шунавандагони курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни таърих дин дар анҷоми курс салоҳиятҳои зеринро ташаккул дода метавонанд:

-дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаи фанни таърихи дин, китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ – нақшаҳои тақвимӣ ва дарсӣ таҳия менамоянд;

- методҳои муосири такмили малакаҳои хонандагонро дар самтҳои хондани матни китоб, ба дарки маънӣ ва мақсади асосии он сарфаҳм рафтан, таҳлилу ва хулосабарорӣ кардаро истифода бурда, дар асоси онҳо саволу супориш тартиб медиҳанд;

- навгониҳои дар соҳаи педагогика ва психология омӯхтаашонро дар амал татбиқ менамоянд;

- методҳои муосири такмили малакаҳои хонандагонро дар навиштани эссе, нақл кардан, бо истифода аз ҳуҷҷатҳои таърихӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, мадракҳои бостоншиносӣ ва амсоли инҳо истифода бурда, дар асоси онҳо саволу супоришҳо омода месозанд;

- методҳои муосири такмили малакаю маҳорати хонандагонро дар озодона баён намудани фикр ва ҳангоми гуфтор риоя кардани қонуну қоидаҳои рафтор дар ҷомеа, таҳлилу хулосабарорӣ, тақвият додани фикр тавассути ахбори хондаю шунида, дониши ҳосилшуда ва савол гузоштан истифода мебаранд;

- асосноккунии мафҳум ва ҳодисаҳоро дар таълими мавзуъҳои таърихи дин, мутобиқи талаботи стандарт ва барномаи таълимии ба муносибати салоҳиятнокӣ нигаронидашуда, ба роҳ монда метавонанд;

- ҳангоми интихоби мавзуъҳо, арзишҳои ахлоқӣ, маърифатӣ, завқӣ, эстетикиро ба назар мегиранд;

- арзёбии ҳаёт ва фаъолияти шахсиятҳои таърихии гузаштаву муосирро меомӯзанд;

- омӯзиши луғати навро истифода менамоянд;

- воситаҳои арзёбии фаъолияти таълимии хонандагонро ҳангоми хондан, навиштан, гуфтан, таҳлилу хулосабарорӣ истифода мебаранд;

- дар асоси ҳамгироии рукнҳои таърихи дин бо фанҳои таъриху ҷомеашиносӣ ва адабиёт саволу супоришҳои таълимӣ таҳия карда, воситаҳои арзёбии онҳоро муайян мекунанд ва ҳоказо.

Дар анҷоми курс азхудкунии барнома тавассути санҷиши тестӣ ба воситаи компютер арзёбӣ карда мешавад.

**Пас аз хатми курс шунаванда бояд:**

-моҳияти сиёсати давлат дар соҳаи маориф;
-асосҳои назариявӣ ва амалии психологияи педагогӣ;
-истифодаи технологияи инноватсионӣ дар омӯзиши фанни таърихи дин;
-моҳият, хусусиятҳо ва усулҳои тадқиқоти илмиро донад.

**Ба салоҳиятҳои зерин бояд ноил гардад:**

- фаъолияти касбии хешро бо мақсади такмил ва баланд бардоштани малакаи касбӣ таҳлил карда тавонад;
- аз уҳдаи гузаронидани мониторинги сифати дониши хонандагон бароядʼ;
- фаъолияти мустақилонаи хонандагонро ҳангоми кор бо «Технологияи информатсионӣ-коммуникатсионӣ» ба роҳ монда тавонад;
- барномаҳои таълимии иловагии фанни таърихи дин ва банақшагирии дарсҳоро дар асоси технологияҳои инноватсионӣ тартиб дода, арзёбӣ намояд;
- саволномаҳои аттестатсияи ҷамъбастӣ (рейтинг, санҷиш, имтиҳон), олимпиада ва викторинаро мустақилона тартиб дода, омода сохта тавонад;

- маводи таълимӣ-методӣ ва дидактикии оид ба таълими фанни таърихи дин бударо бо истифода аз ТИК таҳия карда тавонад;
- дар асоси донишҳои назариявӣ таҳқиқот гузаронида тавонад.

**Малакаи зеринро бояд дошта бошад:**

-технологияи муосири педагогии таълими фанни таърихи дин;

-истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ҳалли барномаҳои касбӣ;

-методологияи тарҳи истифодаи ТИК;

-моҳият, хусусиятҳо ва усулҳои таҳқиқоти илмиро донад.

**Нақшаи**
**таълимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни**
**таърихи дин**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | Тахассус, такмили маҳорати касбӣ | 54 | 22 | 32 |
| 2. | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | - |
| 3. | Педагогикаи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 4. | Психологияи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 5. | Экология, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ | 2 | 2 | - |
| 6. | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| 7. | Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории соҳа | 2 | 1 | 1 |
| **Ҳамагӣ** | | **72** | **30** | **42** |

**Нақшаи**
**тақвимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни “Таърихи дин”**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1 | **Тахассус, методикаи таълими фан** | **54** | **22** | **32** |
| 1 | Мақсад ва моҳияти барнома ва нақшаҳои таълимии фанни таърихи дин дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва роҳҳои истифодаи онҳо. | 2 | 1 | 1 |
| 2 | Мақсад ва вазифаҳои фанни таърихи дин дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ | 2 | 1 | 1 |
| 3 | Тадриси дарсҳои таърихи дин тибқи муносибати босалоҳият ба таълим. Усули сезинагии таълим | 2 | 1 | 1 |
| 4 | Проблемагузорӣ дар ҷараёни дарси фанни таърихи дин | 4 | 2 | 2 |
| 5 | Методикаи омӯзиши мавзуи шаклҳои дин. Динҳои ибтидоӣ дар синфи 7 | 2 | 1 | 1 |
| 6 | Методикаи омӯзиши фанни таърихи дин дар синфи 7-8 | 2 | 1 | 1 |
| 7 | Методикаи омӯзиши мавзуи “Зардуштия”: таълимот ва таҳаввулоти он” | 2 | 1 | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 8 | Методҳои таълими фанни таърихи дин дар муносибати босалоҳият ба таълим | 2 | 1 | 1 |
| 9 | Истифодаи усулҳои фаъол ва интерактивии таълим (УФИТ) дар раванди дарс. | 2 | | 2 |
| 10 | Арзёбии салоҳияҳои хонандагон аз фанни таърихии дин | 2 | 1 | 1 |
| 11 | Методҳоии истифодаи технологияи муосир дар раванди дарси таърихи дин | 4 | 1 | 3 |
| 12 | Ифротгароӣ (экстремизм), терроризм ва намудҳои ифротгароӣ (сиёсӣ ва идеологӣ) | 4 | 1 | 3 |
| 13 | Дини ислом ва паҳншавии он дар Осиёи Марказӣ | 4 | 1 | 3 |
| 14 | Динҳои қадимаи ориёиҳо: меҳрпарастӣ ва таълимоту таҳаввулоти он | 4 | 1 | 3 |
| 15 | Дин дар Мисри қадим | 2 | 1 | 1 |
| 16 | Дини Бобулиёни қадим | 2 | 1 | 1 |
| 17 | Дин дар Юнони қадим | 2 | 1 | 1 |
| 18 | Дини Румиёни қадим | 2 | 1 | 1 |
| 19 | Динҳои қадимаи Чин.Таълимоти Конфутсий. | 4 | 2 | 2 |
| 20 | Авасто-манбаи таълимоти ахлоқӣ ва таърихӣ. | 4 | 2 | 2 |
| **Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ** | | | | |
| 1. | Дин ва муносибатҳои динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолият | 4 | 2 | 2 |
| 2. | Дин ҳамчун падидаи таърихиву | 4 | 2 | 2 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | иҷтимоӣ ва фарҳангӣ | | | |
| 3. | Яҳудия: таълимот ва таҳаввулоти он. | 2 | 1 | 1 |
| 4. | Қуръон, суннат ва ҳадис ҳамчун сарчашмаҳои асосии ислом | 4 | 2 | 2 |
| 5. | Исломи кунунии Тоҷикистон ва ҷаҳон | 4 | 2 | 2 |
| 6 | Динҳои Ҳиндустони қадим. Браҳмания –дини миллии ҳиндустониҳо | 2 | 1 | 1 |
| 7 | Буддоия: таълимот ва инкишофи он | 2 | 1 | 1 |
| 8 | Насрония ва таҳаввулоти он | 2 | 1 | 1 |
| 9 | Католисизм ва таҳаввулоти он | 2 | 1 | 1 |
| 10 | Православия: таълимот ва таҳаввулоти он | 2 | 1 | 1 |
| 11 | Методи истифодаи технологияи муосир дар раванди дарси таърихи дин. | 4 | 1 | 3 |
| 12 | Раванди мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2 | 1 | 1 |
| | **Ҳамагӣ** | **36** | **15** | **21** |

## БАРНОМАИ
## КУРСҲОИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ ТАЪРИХИ ДИН

**Мавзуи 1. (2 соат). Мақсад ва моҳияти барнома ва нақшаҳои таълимии фанни таърихи дин дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва роҳҳои истифодаи онҳо.**

Мазмун ва мундариҷаи нақша ва барномаи таълими фанни таърихи дин; моҳияти ташаккули тарбияи тафаккури таърихӣ, ҳисси ватанпарастӣ ва худшинос; баланд бардоштани маърифатӣ динӣ. Дар тафаккури хонандагон таҳким бахшидани мафҳумҳои марбут ба таърихи дин ва эътиқоди инсон ва шаҳрванд.

Банақшагирӣ ва барномасозӣ оид ба таълими фанни таърихи дин ва моҳияти онҳо. Роҳҳои истифодаи нақша ва барномаи таълимии фанни таърихи дин. Дар ҷараёни омӯзиш ба назар гирифтани робитаҳои дохилифаннӣ ва байнифаннӣ. Баланд бардоштани сифати таҳсилот, қонеъ гардонидани талаботҳои шахс ба дониш, ҷорӣ намудани таълими равиявӣ, ҷорӣ намудани усулҳои нави таълим.

Роҳҳои истифодаи нақша ва барномаи таълими фанни таърихи дин дар ҷараёни таълим. Тақсимоти соати таълимӣ барои омӯзиши фанни таърихи дин. Истифодаи амалӣ ва босамари он тибқи талаботи нақшаи таълимӣ. Мувофиқати нақша, барномаи таълими фан ба китобҳои дарсии мактабӣ.

Тибқи талаботҳои нақша ва барномаи таълимӣ ба роҳ мондани таълими фан. Мувофиқати онҳо ба талаботҳои санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф.

**Машғулияти амалӣ:** Таҳлили услубии нақша ва барномаи таълимии фанни таърихи дин (аз таҷриба).

**Мавзуи 2. (2 соат). Мақсад ва вазифаҳои фанни таърихи дин дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ**

Таърихи дин ҳамчун фанни таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Омӯзиши паҳлуҳои алоҳидаи динҳо дар таърихи инсоният. Заминаҳои таърихи пайдоиш ва таҳаввулоту пешрафти онҳо.Таърихи пайдоиш ва ташаккули аввалин динҳо. Ташаккулёбии дин дар таърихи башар. Таърихи дин дар дунёи қадим, асрҳои миёна, давраи нав ва давраи муосир.

Мақсад, вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявии фанни таърихи дин

Дин- ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ. Пайвандии фанни таърихи дин ба фанҳои таърих, адабиёт, фарҳанг ва ахлоқ. Мавқеи дин- ҳамчун дониш дар ташаккули ҷаҳонбинии инсон; донистани воқеаю равандҳо ва пайдо намудани дониш, маҳорат ва малакаи таҳлили рӯйдодҳои таърихи динҳо. Додани маълумот дар бораи пайдоиш ва таҳаввулоти динҳо.

Моҳияти диншиносӣ дар таълими фанни таърихи дин. Ҳадафи асоси омӯзиши он,д тарбияи ҳисси эҳтиром нисбат ба таърихи дин ҳамчун арзиши тамаддуни умумиинсонӣ.

**Машғулияти амалӣ:** Таҳлили ҷанбаҳои ахлоқии дин (аз таҷриба).

**Мавзуи 3.Тадриси дарси таърихи дин бо муносибати босалоҳият ба таълим. Усули сезинагии таълим.**

Аҳамияти гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим. Сабабҳои ворид намудани тағйирот ба муносибати нави таҳсилот: моҳият, дастоврд ва норасоиҳо. Хусусиятҳои фарқкунандаи муносибати бо салоҳият ба таълим. Таълими хонандамеҳвар ё таълиме, ки ба

ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шуда. Минтақаҳои актуалӣ ва наздиктарини инкишоф. Назарияи гуногунии зеҳн.

Модели сезинагии таълим ва моҳияти он. Мулоҳизакорона ба нақша гирифтани дарс ва тавассути модели сезинагӣ ба мақсад расидани омӯзгор.

**Дарси амалӣ.** Фикру ақидаҳои шунавандагон доир ба муносибати босалоҳият ба таълим. Маънидод намудани сабабҳои ворид намудани тағйирот ба системаи таҳсилот. Роҳбаладии омӯзгор дар дарсҳои таърихи дин ҳангоми гузаштан ба муносибати босалоҳият ба таълим.

**Мавзуи 4 (4 соат). Проблемагузорӣ дар ҷараёни дарси фанни таърихи дин.**

1. Муайян сохтани мафҳумҳои асосии дарс.

2. Ба муҳокимаи хонандагон пешниҳод намудани масъалаҳои
баҳсталаб.

3. Шунидани андешаҳои шунавандагон оид ба роҳҳои ҳалли масъалаҳои
гузошташуда.

4. Таълим ва ҷамъбасти мавзуъ.

Таърих ва фалсафаи омӯзиши проблемавӣ. Истифодаи принсипи гузоштани саволҳои проблемавӣ аз тарафи файласуфони Юнони қадим. Санъати мубоҳисаҳои проблемавӣ аз тарафи файласуфони Ҳинду Чин. Вазъияти проблемавӣ ва ба миён овардани он дар ҷараёни дарси таърихи дин. Гузоштани ҳалли проблемае, ки бевосита ба мавзуъ алоқамандӣ дорад. Ҷустуҷӯйи ҳалли вазъияти проблемавӣ ба воситаи фаъолияти якҷоя. Ташкили фаъолияти якҷоя барои дарёфти проблемаи гузошташуда. Аз худ кардани принсипҳои ҳаллӣ

проблема ва вазъияти проблемавӣ. Нуқтаи назарҳои гуногуни хонандагон барои ҳалли масъала.

Хулоса, омӯзиши проблемавӣ ин: -

-ташкили машғулиятҳои таълимӣ;

-дар зери роҳбарии муаллим ба миён овардани вазъияти проблемавӣ;

-фаъолияти хонандагон барои ҳал кардани вазъияти проблемавӣ мебошад.

Омӯзгори эҷодкор –коструктивист, мушовир, ташкилкунанда ва идоракунандаи таҳқиқоти кӯдак, муҳайёкунандаи шароити мусоид барои фаъолияти кӯдак. Дастгирии омӯзгор ба ҳар як ташаббуси хонандагон. Фаъолияти омӯзгор дар кори ба хонандагон додани имконияти фикр кардан, пайваст намудани донишҳои нав. Ба «шӯр» овардани кунҷковии табии талабагон, истифодаи ҳаяҷон ва таҳқиқот аз тарафи муаллим дар раванди таълим. Ташкили гурӯҳбандӣ, таҳлилу таҳқиқ ва арзёбии ҷавобҳои хонандагон дар ҷараёни дарси аз тарафи омӯзгор. Машғулиятҳои проблемавӣ ва моҳияти онҳо дар рушди тафаккури интиқодӣ ва бархурди фикрҳои мухталиф дар раванди дарс.

Конструктивизм-ин гузоштани нуқтаи назари талаба дар мадди аввал, агар чи он «пуч» ҳам бошад. Волотар ҳисобидани раванди ба даст овардани ҳақиқат нисбат ба худи ҳақиқат.

Ташаккули шахсияти эҷодкор дар дарсҳои проблемавӣ ва ин қобилиятҳоро доро гаштани ӯ:

- мантиқан фикр кардан;

- донишҳоро омӯхта ба система медарорад;

- роҳҳои ҳалли вазъиятҳои проблемавӣ муайян менамояд;

- аз ҳама гуна вазъият баромада метавонад.

**Машғулияти амалӣ:** Мулоҳизаҳои педагогӣ ва хулосабарорӣ (ба қайд гирифтани фикру ақидаҳои шунавандагон баъди саволи «Шумо чиро омӯхтед?») Ҳангоми ҷамъбаст ба хулосаи тахминии зерин омадан:

1.Инсон қобилияти нотакрори пайдо кардан, гузоштан ва ҳал кардани проблемаро дорад.

2. Фикррони аз вазъияти проблемавӣ оғоз меёбад.

3.Принсипи проблеманокӣ ҷараёни таълимро ба ҷараёнҳои маърифат ва фикрронии эҷодӣ наздик месозад.

Фикру ақидаҳои шунавандагон роҷеъ ба тарзи ташкил ва гузаронидани натиҷагирии дониш, сифат ва самаранокии таълим бо усули тестӣ. Муваффақият ва камбудиҳои санҷиши савияи дониши хонандагон бо роҳи пурсиши тестӣ (аз таҷриба).

**Мавзуи 5. (2 соат). Методикаи омӯзиши мавзуи шаклҳои дин. Динҳои ибтидоӣ дар синфи 7**

Шаклҳои маъмули динҳо дар таърихи инсоният: динҳои ибтидоӣ, динҳои миллӣ ва динҳои ҷаҳонӣ.

**Динҳои ибтидоӣ.** Замина ва сабабҳои зуҳури динҳои ибтидоӣ. Табиатпарастӣ ва ҳайвонпарастӣ яке аз нишонаҳои асосии динҳои ибтидоӣ. Шаклҳои маъмули динҳои ибтидоӣ: тотемизм, фетишизм, анимизм ва магия. Тотемизм- эътиқоту боварӣ ба робитаҳои авлодӣ ва хешовандии инсон ва ҳайвон. Бештар роиҷ будани тотемизм дар мардуми бумии Австралия, Гвинеяи Нав ва ҳиндувони америкоӣ. Фетишизм- ин эътиқод ба ашё, чизҳои моддӣ. Фетиш- ин устухон, косахонаи сар, сангреза, шохи гову гавазн ва ғайра. Анимизм-дараҷаи

баланди парастиш ва эътиқоди одамони ибтидоӣ. Анимизм - рӯҳ, ҷонпарастӣ.

**Машғулияти амалӣ:** Роҳу усулҳои ба шунавандон таълим додани методҳои муосири таълим. Шарҳу маънидод намудани усулҳои гуногун ва истифодаи дурусти онҳо дар дарс. Бо мисолҳо шарҳу тавзеҳ додани тарзу роҳҳои фаҳмонидани методҳои номбурда (аз таҷриба).

**Мавзуи 6. (2 соат) Методикаи омӯзиши фанни таърихи дин дар синфҳои 7-8.**

Тарзи таълими фанни «Таърихи дин» дар синфҳои номбурда. Роҳу усулҳои ташаккули қобилиятҳои маърифатии хонандагон дар раванди таълим. Роҳҳои омӯзиши пайдоиши таърихи динҳо, тағйирёбию дигаршавии онҳо. Хусусият ва гуногунрангии динҳои мухталиф. Маълумот дар бораи таърихи дин. Пайдоиш ва тағйиру таҳаввули динҳоро бо тамоми дигаргуншаклӣ ва хусусиятҳои пай дар пай, давра ба давра ба таври хронологӣ омӯхтан, ба ҳаёти маънавӣ ва шуури иҷтимоӣ машғул будани ин фан бо фалсафа, психология, адабиёт ва ғ. Хусусияти умумӣ доштани шаклҳои таърихи ҷаҳонбинии дину фалсафа. Инкишофи шуури ҷамъиятӣ. Роҳҳои таълими мавзуъҳои шаклҳои дин. Динҳои ибтидоӣ

Истифодаи усулҳои интерактивӣ. Тарзи баёни дарс. Тарзи пурсиши дарс. Тарзи ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии дониши гирифта. Тарзи пешниҳоди вазифаи хонагӣ.

Тарзи таълими фанни «Таърихи дин» дар синфи VI. Такрор аз мавзуъҳои гузашта. Тарзи таълими фанни «Таърихи дин» дар синфи VII. Роҳу усулҳои таълими динҳои ибтидоӣ: тотемизм, фетишизм, анимизм ва магия. Хусусият ва гуногунрангии динҳои мухталиф Истифодаи усулҳои интерактивӣ. Роҳу усулҳои баланд бардоштани қобилиятҳои маърифатии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи дин. Маълумот дар бораи адабиёт.

**Дарси амалӣ.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи «Методикаи омӯзиши мавзуъҳои фанни таърихи дин дар синфҳои 7-8. Роҳу усулҳои ташаккули қобилиятҳои маърифатии хонандагон дар таълим. Сабабҳои пайдоиши унсурҳои бутпарастӣ дар байни қабилаҳои ибтидоӣ.

**Мавзуи 7. (2 соат). Методикаи омӯзиши мавзуи Зардуштия: таълимот ва таҳаввулоти он.**

Зардуштия: таълимот ва таҳаввулоти он. Зардушт ва шахсияти ӯ. Сохтори "Авасто" ва мундариҷаи он. Ривоятҳо дар бораи зуҳӯри ӯ. Шоҳ Виштосп пайрав ва тарғибгари дини Зардуштӣ. "Авасто" ва таърихи нигориши он. Эътиқод ва тавҳид (яктопарастӣ) дар Зардуштия.Таълимоти динию дунявии Зардуштия. Таҳаввулоти Зардушт. Зардушт ва шарҳи ҷомеа. Густариши Зардуштия аз асри У11 то мелод. Маросимҳои ибодат ва идҳои Зардуштия. Осори оташкадаҳои зардуштӣ дар Тоҷикистон. Таъсири дини зардуштӣ ба тамаддун ва динҳои ҷаҳонӣ.

**Дарси амалӣ.** Роҳу усулҳои ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълим додани методҳои муосир . Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи «Методикаи омӯзиши мавзуи Зардуштия: таълимот ва таҳаввулоти он». Шарҳу маънидод намудани роҳу усулҳои таълими мавзуи Зардуштия: таълимот,таҳаввулот ва омӯзиши ҳаёту фаъолияти он (аз таҷриба).

**Мавзуи 8 (1 соат). Методҳои таълими фанни таърихи дин дар муносибати босалоҳият ба таълим**

Маълумоти умумӣ дар бораи технология ва методҳои умумии таълим дар муносибати босалоҳият ба таълим.

Технологияи таълими хонандамеҳвар дар дарси таърихи дин ва таълими лоиҳавӣ дар дарсҳо. Технологияи таълими интерактивӣ. Роҳу усули машғулиятҳои дунафарӣ ва гурӯҳӣ дар дарси таърихи дин. Тарзи гузаронидани лаҳзаҳои дамгирӣ дар дарс. Истифодаи методҳои таълими фанни таърихи дин дар муносибати босалоҳият ба таълим.

**Дарси амалӣ. (1 соат).** Фикру ақидаҳои шунавандагон доир ба муносибати босалоҳият ба таълим. Маънидод намудани сабабҳои ворид намудани тағйирот ба системаи таҳсилот. Роҳбаладии омӯзгор ҳангоми гузаштан ба муносибати босалоҳият ба таълим.

**Мавзуи 9. (2 соат) Истифодаи усулҳои фаъол ва интерактивии таълим (УФИТ) дар раванди дарс.**

Усулҳои фаъол (ҳамфаъол) ва зуҳуроти он дар таълим. Муқоисаи усулҳои фаъоли таълим ва усулҳои анъанавӣ. Муайян кардани бартарӣ ва камбудиҳои усулҳои фаъол ва анъанавӣ. Мавқеи аёниятҳо дар муносибати фаъоли омӯзгор ва хонанда. Кор бо усулҳои «Кластер», ҷадвали «Инсерт», «Диаграммаи Венн», диаграммаи «Чӣ тавр?», диаграммаи «Барои чӣ?», усули «Т-нақша», “Ангезиши зеҳн”, “Шаршара”, “ММД”, “Синквейн”, “Пешгӯӣ”, “Ист”, “Блитс-пурсиш” ва ҳоказо.

Истифодаи бозиҳои шавқовар. Динҳои қадимаи миллӣ, Дини қадимаи Миср ва Авесто. Аҳамияти истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарси таърихи дин. Кор бо матнҳои китоби дарсӣ, ҳамчун шакли ҳавасмандкунӣ ба омӯзиш. Мақсади асосии истифодаи усулҳои фаъоли таълим:

- гирифтани дониши саҳеҳ ва мукаммал;
- беҳтар гардидани сифати дарс;
- мустақилона ифода намудани фикру ақида;
- мулоҳизарониҳои боандешона ва ҳоказо.

«Ҳуҷуми фикрӣ» – яке аз намудҳои усули фаъоли таълим.

Аҳамияти усулҳои фаъоли таълим дар донишандӯзии хонандагон.

**Дарси амалӣ.** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба истифодаи усулҳои фаъол (ҳамфаъол)-и таълим дар дарси таърихи дин. Ёдовар шудан аз бартарӣ ва камбудиҳои усули номбурда, дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии маҳал. Пешниҳоди шунавандагон доир ба роҳҳои дониши васеъ ва саҳеҳ гирифтани хонандагон тавассути усулҳои фаъоли таълим (аз таҷриба).

**Мавзуи 10. (2 соат) Арзёбии салоҳиятҳои хонандагон аз фанҳои забон ва адабиёт.**

Маълумот дар бораи арзёбӣ. Мақсадҳои арзёбӣ. Мавқеи арзёбӣ дар раванди таълим. Усул ва воситаҳои арзёбӣ. Арзёбии ташаккулдиҳанда. Усул ва воситаҳои арзёбии ҷамъбастӣ.

**Дарси амалӣ.** Фикру ақидаҳои шунавандагон доир ба арзёбӣ ва хелҳои он. Мақсад ва вазифаҳои арзёбӣ дар таълими фанни таърихи дин. Андешаҳо роҷеъ ба арзёбии ташаккулдиҳанда (аз таҷриба).

**Мавзуи 11. Методҳои истифодаи технологияи муосир дар раванди дарси таърихи дин.**

Зарурати ворид намудани технологияи муосир дар таълим. Методҳои истифодаи технологияи муосир дар ҷараёни дарси таърихи дин. Таъсири технологияи муосир дар инкишоф ва дараҷаи азхудкунии донишҳои нав. Роҳҳои эътимодбахши истифодабарии технологияи муосир дар ҷараёни дарси таърихи дин. Технологияи муосири таълимӣ -раванди дастраскунии иттилоот.

Роҳҳои дуруст истифода бурдани технологияи муосир дар раванди таълим; Дар раванди дарс

истифодабарии омӯзгорони фанни таърихи дин аз доскаи электронӣ, компютер, проектор, презентасия; нишон додани харита, нишон додани видеороликҳо тариқи проектор доир ба мавзуъҳои фанни таърихи дин, бо овоз (садо); омода намудани дарси видеоӣ аз ҷониби худи шунавандагон; тариқи онлайнӣ гузаронидани дарс ва дигар намуди методҳои истифодабарӣ аз технологияи муосир дар дарс.

**Машғулияти амалӣ:** Дар раванди дарс шунавандагон роҳҳои аз технологияи муосир истифода бурданро меомӯзанд. Доир ба мавзуъҳои гуногуни фанни таърихи дин презентасия омода менамоянд. Фикру ақидаҳои шунавандагон доир ба барномаи “Омӯзиши омехта” (плотформа).

## Мавзуи 12 (4 соат). Ифротгароӣ (экстремизм), терроризм ва намудҳои ифротгароӣ (сиёсӣ ва идеологӣ)

1. Ифротгароӣ, терроризму экстремизм падидаҳои глобализатсияи сиёсӣ.
2. Ҷумҳурии Тоҷикистон зиддӣ ифротгароӣ ва терроризм.

Мафҳуми «глобализатсия», мазмун, моҳият ва намудҳои он. Намудҳои глобализатсия- глобализатсияи молиявӣ, сиёсӣ, криминалӣ, этникӣ, мазмун ва моҳияти онҳо. Ифротгароӣ, терроризму экстремизм падидаҳои глобализатсияи сиёсӣ. Рӯ ба рӯ омадани бисёр кишварҳои олам ба амалҳои ифротгароӣ ва террористӣ. Терроризм ва экстремизм -ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон. Хатари на камтар аз силоҳи ядроиро доро будани онҳо.

Даҳшату бесуботиро ба вуҷуд овардани ин амалҳои ғайриинсонӣ. Ба ягон дину мазҳаб алоқаманд набудани амалҳои ифротгароӣ. Намудҳои ифротгароӣ:

сиёсӣ (давлатӣ ва идеологӣ) ва идеологӣ (динӣ, миллӣ-этникӣ).

Паҳншавии тафаккури харобиовари ифротгароӣ, қувватгирии фаъолияти ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ ва монанди инҳо, субботу амнияти давлатҳои ҷаҳонро ба таҳдиди ҷиддӣ рӯ ба рӯ намудани онҳо. Торафт васеъ гардидани фаъолияти созмонҳои террористӣ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон зиддӣ ифротгароӣ ва терроризм. Инъикоси ин масъалаҳо дар моддаҳои 1, 8, 28 ва 100-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани «Қонун дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз 16 ноябри соли 1999 таҳти рақами №845 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8 декабри соли 2003 № 69. Мазмун ва муҳтавои ин Қонунҳо.

Суханони ибратомӯзи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси аъмолҳои зишти ифротгароӣ ва террористӣ. Таҳдиди аъмоли зишти ифротгароӣ ба истиқлолияти давлатӣ, ба мавҷудияти худи давлати мустақил, ба сохтори давлатдорӣ ба субботу амният ва ҳаёти осоишта, ба хонаи ободу осоиштаи ҳар як фард. Расидан ба қадри фазои сулҳу осоиш, бунёдкорию созандагӣ дар ҷумҳурӣ ва пӯштибонӣ аз сиёсати давлату ҳукумати кишвари азизамон, ҳифзи ин музаффариятҳо.

**Машғулияти амалӣ:** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба ҳаракатҳои террористӣ ва экстремистӣ. Сабабҳои хатарнок ва хилофи мазҳаби ҳанифия будани фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои Ваҳҳобия, Салафия, Ҳаракати исломии Ӯзбекистон, Ҷамоати Таблиғ, Ҳизби таҳрир, Ансоруллоҳ, Ҳизбуллоҳ, Ҳаракати исломии Туркистон, ДИИШ, Тоҷикистони озод ва ғайра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (аз таҷриба)

**Мавзуи 13 (4 соат) Дини ислом ва паҳншавии он дар Осиёи Марказӣ**

Замина ва сабабҳои пайдоиши дини ислом. Ислом ҳамчун дин ва маърифати ҷомеаи феодалии арабу Шарқ. Арабистон пеш аз ислом. Ҳаракати паёмбарӣ. Муҳаммад (с) ва рақибони ӯ. Муҳаммад (с) – шахси таърихӣ. Макка ва Мадина – марказҳои тамаддуни ислом. Муҳаммад (с)– асосгузори Хилофати Араб. Халифаҳои Рошиддин ва нақши онҳо дар густариши ислом. Густариши ислом дар сарзаминҳои берун аз Арабистон.

Забткориҳои араб ва густариши ислом дар ҳудудҳои тоҷикнишин. Исломи мазҳабии ҳудудҳои тоҷикнишин. Инкишофу таҳаввулоти ислом дар ҳудудҳои тоҷикнишин. Равияҳои суннӣ ва шиа.

Қуръон. Суннат, Ҳадис, Иҷмоъ, Қиёс, Фатво. Рукнҳои асосии ислом. Равияҳои дини ислом: Суннӣ ва Шиа. Умумият ва фарқияти онҳо. Нақши ислом дар тамаддуни ҷаҳонӣ.

**Машғулияти амалӣ:** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфи густариш ёфтани дини ислом дар Осиёи Марказӣ. Забткориҳои араб дар ҳудудҳои тоҷикнишин (аз таҷриба).

**Мавзуи 14 (4 соат) Динҳои қадимаи ориёиҳо: меҳрпарастӣ ва таълимоту таҳаввулоти он**

Динҳои ориёиҳои қадим. Ташаккули эътиқодҳо дар Ориёно. Умумият, хусусият ва фарқияти эътиқоди ориёиҳо бо дигар қавму қабилаҳо. Нишонаҳои дин дар Ориёно. Меҳрпарастӣ ва асосҳои он. Меҳр-худои

рӯшноӣ, худои ҳақиқат. Меҳрпарастӣ: таълимоту таҳаввулоти он.Нишонаҳои меҳрпарастӣ дар ривояту ёдгориҳои таърихӣ. Инъикоси Меҳр-Митра дар китобҳои мардуми ориёӣ-Ригведа ва Авасто. Маросимҳои оини меҳрпарастӣ. Паҳншавии меҳрпарастӣ дар байни мардуми сомӣ, Рум, Африқо ва Аврупо. Нақши меҳрпарастӣ дар ташаккули фарҳанг ва тамаддуни умумибашарӣ.

**Машғулияти амалӣ:** Ақидаҳои шунавандагон оид ба оини меҳрпарастӣ ва осори он дар рӯзгори имрӯзаи тоҷикон.Паҳншавӣ ва нақши меҳрпарастӣ дар тамаддуни умумибашарӣ (аз таҷриба)

**Мавзуи 15 (2 соат). Дин дар Мисри қадим.**

Аввалин – тамаддунҳои бостон, тамаддуни мисриёни қадим. Миср яке аз гаҳвораҳои тамаддуни ҷаҳон. Нил ва нақши он дар ташкили аввалин давлатҳо дар Миср. Ташкили ҳукумати муттамарказӣ Фиръавнҳо. 31 сулоларо ташкил намудани Фиръавнҳо.Заминаҳои пайдоиш ва таҳаввулоти динҳо дар Мисри қадим. Эътиқодҳои аввалини мисриён- тотемизм. Худоёни мисриёни қадим-шағол, тимсоҳ, барзагов, хурус ва дигар ҳайвонҳо. Ба вуҷуд омадани худоёни бузург: Атон Ра ва Патрах-Сукар. Изис ва Осирис-худоёни мисриён. Ривоятҳо дар бораи онҳо. Ривоҷи ибодати Офтоб дар мисри қадим.

**Машғулияти амалӣ:** Мулоҳизаронии шунавандагон оид ба таъсиррасонии динҳои мисриён ба динҳои дигар халқҳо

**Мавзуи 16. (2 соат). Дини Бобулиёни қадим (2)**

Байнаннаҳрайн-қадимтарин ҳавзаи тамаддуни инсоният. Рӯдҳои бузурги Фурот ва Даҷларо аз замонҳои қадим маскани сукунат ихтиёр кардани қабилаҳои сомӣ ва ориёӣ. Дар поёноби Фурот ба вуҷуд омадани 12 шаҳр-давлатҳо. Ба вуҷуд омадани тамаддуни ҷаҳонии “маданияти шумерӣ”. Маънои “дарвозаи худо”-ро ифода намудани вожаи Бобул. Ривоятҳо дар бораи бунёди Бобул. Сарчашмаҳои насронӣ ва исломӣ дар бораи Бобул. Қонунномаи Хамураппӣ.Худоён ва олиҳаҳои бобулӣ. Мақоми Иштар ва Мардук-худоҳои бобулиён.Иштар – худои ҳосилхезӣ ва бороварӣ. Боварии бобулиҳо ва ассуриён ба худои Ашшуро. Ашшуро ва шабоҳати он ба худои зардуштия Аҳуромаздо.

**Машғулияти амалӣ:** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба нақши Бобулистон дар таърихи ислом.Пайдоиши тамаддуни ҷаҳонии “маданияти шумерӣ”.

**Мавзуи 17. (2 соат). Дин дар Юнони қадим.**

Эллиада ва ривоятҳо дар бораи он. Воридшавии қабилаҳои ориёӣ ба Юнон. Баромади вожаи Юнон аз номи қабилаи ориёии Аюниён. Ёдгориҳои хаттӣ, таҳқиқотҳои таърихӣ, асарҳои асотирию фалсафӣ ва мадракҳои бостоншиносӣ оид ба тамаддуни Юнон. Давраҳои динҳои ибтидоиро паси сар намудани юнониҳо. Қаробати динҳои юнониён ба дину оинҳои мардуми ориёӣ. Девпитер-падари осмон ва Деметр-худои модар-замин дар дини юнониҳо. Нақши гов ё барзагов дар эътиқоти юнониҳои қадим. Ба хок супурдани мурда-одати расмӣ ва ҳатмии онҳо. Мавқеи Зевс – худои бузург,

худои осмон дар тасаввуроти юнониён. Афина-худои ҳомии шаҳрҳо. Ривояту қиссаҳо дар бораи онҳо ва дигар худоён дар Юнон.

**Машғулияти амалӣ:** Навиштани ЭСЕ дар мавзуи “Қаробати динҳои юнониҳо бо ориёиҳо” (аз таҷриба).

**Мавзуи 18. (2 соат). Дини Румиёни қадим.**

Ташкилёбии Рум дар асри У111-и пеш аз мелод. Капитолий- қалъаи қадими шаҳри Рум. Ривоятҳо дар бораи онҳо. Сенат-шурои муйсафедон. Лотин-қабилае аз ориёиҳо, ки дар Рум сукунат намудаанд. Қаробати дини румиҳо бо юнониён. Эътиқоди румиҳо ба киштy кор ва зироаткорӣ. Худоёни Румиҳо; Юпитер-худои худоён, юнона – олиҳаи никоҳ, зани Юпитер, Марс-Худои ҷанг, Весто- худои оташ, Нептун- худои об ва ғайра. Бунёди ибодатхонаҳо ба хотири худоён. То ба мартабаи Худои худро расонидани Императорони Румӣ. Муборизаи шадиди дини нав ва кӯҳан аз ба вуҷуд омадани дини исавӣ – аз асри 1 мелодӣ то асри 1У. Дини насрониро дини давлатӣ эълон намудани Император Константин.

**Машғулияти амалӣ:** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон роҷеъ ба моҳияти омӯзиши дини румиёни қадим. Баҳсҳо доир ба мавзуъ. Аҳамияти диншиносӣ дар шароити кунунӣ. (аз таҷриба).

**Мавзуи 19 (4 соат). Динҳои қадимаи Чин. Таълимоти Конфутсий.**

Маълумотҳо дар бораи эътиқодҳо дар Чини антиқа. Хусусияти тамаддуни Чин. Давраи Шан–Ин, давраи бисёрхудоӣ. Давраи Чжоу- парастиши Худои осмон. Даосизм ва таълимоти он (асри У11-и пеш аз мелод). Шахсияти Лао Тси. Ривоятҳо дар бораи ӯ. Расман эълон

доштани дини даосизм- дини давлатӣ соли 165 мелодӣ. Чиу (Конфутсий) ва саргузашти ӯ. Осори Конфутсий: “Панҷкитоб-У-тзин” ва “Чаҳоркитоб-Сушӯ”. Усулҳои ахлоқии таълимоти Конфутсий. Панҷ усули ахлоқии Ли. Робитаи шоҳ бо раият, падар ба фарзанд, шавҳар бо зан, ака бо уко, дӯстон бо дӯстон. Конфутсия-дини давлатии Чин дар асри 11-и пеш аз мелод. Вазъи таълимоти ӯ дар замони муосир.

**Машғулияти амалӣ:** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба таълимоти Конфутсий дар ҷаҳони муосир. Таҳлили динҳои ҷаҳонӣ.(аз таҷриба)

**Мавзуи 20. (2 с.) “Аваcто” -манбаи таълимоти ахлоқӣ ва таърихӣ**

“Авесто”-китоби муқаддаси зардуштиён. Таълимоти ахлоқӣ дар “Авесто” оид ба офариниши оламу одам. “Авесто”-аввалин сарчашмаи хаттӣ, таърихӣ ва адабию тарбиявӣ. Маълумотҳои “Авесто” оид ба сарзамини ориёиҳо, табиат, машғулият ва шаҳру мулкҳо. Хатти авестоӣ. Ривоятҳо оид ба микдор ва таълифи он. Аз 21 наск ва ё китоб иборат будани нусхаи нахустини “Авесто”. Бо фармони Доро китобат шудани он ва такдири он баъди ҳуҷуми Искандари Макдунӣ.

Дар замони Сосониён ҷамъоварии нусхаҳои парокандаи “Авесто” ва китобат шудани он. Иборат будани “Авесто”-и сосонӣ аз 5 китоб-"Ясно", "Виспарад","Вандидод", "Яштҳо", ва "Хурд Авесто". Мазмун ва моҳияти онҳо.

**Машғулияти амалӣ:** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба таълимоти Зардушт оид ба ахоқу тарбия. Ривоятҳо оид ба микдор ва таълифи он (аз таҷриба)

## МАВЗУЪҲОИ АЛТЕРНАТИВӢ

**Мавзуи 1. (4 соат) Дин ва муносибатҳои динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият**

Муносибат бо дин, шинохти моҳият ва вазифаҳои иҷтимоии он дар ҷомеа. Инъикоси масъалаи озодии виҷдон ва моҳияти он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ва дигар санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқии байналхалқие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст.

Озодии виҷдон- эътирофи ҳуқуқи инсон. Вазифаҳои асосии дин. Диндорӣ тибқи таълимоти динҳо. Фарқи дунявият дар Тоҷикистон аз дунявияти давлатҳои дигар. Муҳимтарин хусусиятҳои модели нави дунявият дар Тоҷикистон.

**Машғулияти амалӣ:** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба таълимоти дин ва муносибатҳои динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият (аз таҷриба).

**Мавзуи 2.(4 соат). Дин -ҳамчун падидаи таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ**

Ҷараёни пайдоиш ва таҳаввули динҳо. Масъалаи пайдоиш ва заминаи зуҳури дин, яке аз масоили умдае барои фаҳмиши масъалаҳои илмию усулӣ. Мавҷуд набудани унсурҳои эътиқод ва марҳилаи бединӣ дар ибтидои таърихи инсоният.

Давраи пайдоиши динҳо. Сабаб ва омилҳои пайдоиши эътиқодҳои динӣ. Хусусиятҳои диндории давраи палеолит. Инсони неандертал нахустодами диндор аз назари донишмандон.

**Машғулияти амалӣ:** Пайдоиши дин ва эътиқодҳои динӣ. Роҳу усулҳои дарсдиҳии шунавандагон дар мавзуи “Дин - ҳамчун падидаи таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ” дар мактаб (аз таҷриба)

**Мавзуи 3. (2 соат). Яҳудия: таълимот ва таҳаввулоти он.**

Динҳои қадимаи мардуми соҳили баҳри Миёназамин ва шимоли нимҷазираи Арабистон. Халқҳои яҳуд ва араб -– мардуми сомӣ. Яҳудия- аввалин дини тавҳидии қавми сомӣ. Худо дар таълимоти Яҳудия. Худои яҳудия- Яҳво. Мавқеи Мусо дар таълимоти яҳудия. Китоби муқаддаси яҳудиён- “Таврот” (“Панҷкитоб”)-и Мусо. Тасарруфи Иерусалим аз тарафи Бобулиён. Таҳаввулоти дини яҳудия. Сабабҳои ба дини ҷаҳонӣ табдил наёфтани яҳудия. Яҳво-Худои аҳли яҳуд. Ба ду қисмат ҷудо гардидани сарчашмаҳои таълимоти яҳудия. Таҳаввулотҳо дар дини яҳудия.

Фирқаҳои маъруфи дини яҳудия- саддуқиён, форисиён, кароим, харудиён ва эссенҳо.

**Машғулияти амалӣ:** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба сабабҳои ба дини ҷаҳонӣ табдил наёфтани яҳудия.

**Мавзуи 4.(4 соат). Қуръон, суннат ва ҳадис ҳамчун сарчашмаҳои асосии ислом**

Қуръон, суннат ва ҳадис- сарчашмаҳои асосии хаттии ислом. Қуръон- китоби муқаддаси мусалмонон. Сохтори Қуръон. Гирдоварӣ ва таҳрири матни Қуръон дар замони Усмон аз тарафи Зайд ибни Собит бо се нафари дигар.

Масъалаҳои инсондӯстӣ, бузургдошти инсон, кароматн вай, ҳадафу мақсадҳои зиндагии ӯ, адолатхоҳӣ ва амсоли инҳоро ташкил кардани мундариҷаи Қуръон.

Суннат -калимаи арабии «сунна» - одат, расм ва анъана. Ҳадис -– ривоят ё ахбори нақлшуда, доир ба гуфтор, рафтор ва амали паёмбари ислом Муҳаммад (с.а.в). Омилҳои пайдоиши суннат ва ҳадисҳо.

**Машғулияти амалӣ:** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба мавзуи Қуръон, суннат ва ҳадис ҳамчун сарчашмаҳои асосии ислом дар раванди дарс (аз таҷриба)

**Мавзуи 5. (4 соат). Исломи кунунии Тоҷикистон ва ҷаҳон.**

Исломи воқеии Тоҷикистон ва ҷаҳон. Исломи расмӣ (қуръонӣ) ва исломӣ дар амал. Ислом ва равияҳои маъмули он. Ислом ва ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистону ҷаҳон. Мавқеи дини ислом дар Тоҷикистон. Тоҷикистон-давлати дунявӣ. Ҷудо будани ташкилотҳои динӣ аз давлат ва дахолат накардани онҳо ба корҳои давлат. Инъикоси озодии виҷдон ва эътиқод дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Озодии омӯзиш ва бузургдошти дину мазҳаб, бунёди мадрасаҳо ва донишкадаи исломӣ дар ҷумҳурӣ. Озодии таълиму тарбияи динӣ дар доираи қонун. Эҳтиром ва таҳаммул ба тамоми дину мазҳабҳо дар Тоҷикистон. Эътирофи махсуси нақши мазҳаби ҳанафия, дини ислом дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва маънавии халқи тоҷик.

**Машғулияти амалӣ**: Дини ислом ва муносибатҳои динӣ тибқи Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон (аз таҷриба)

**Мавзуи 6. (4 соат). Динҳои Ҳиндустони қадим. Браҳмания–дини миллии ҳиндустониҳо.**

Ташаккулёбии ҷомеаи ғуломдории нимҷазираи Ҳиндустон ва таҳаввулоти динҳои қадима. Даврабандии таърихи динҳо дар Ҳиндустон. Давраи ведоӣ. Китоби “Ведҳо”-пайдоиш ва таълимоти он. “Ведҳо”-қадимтарин сарчашмаи таърихӣ- динӣ. Қаробати таълимоти ведоӣ ба дини мардуми ориёӣ ва юнонӣ. Кастаҳо дар Ҳиндустон. Ташаккули браҳмания. Браҳманҳо-табақаи руҳониён. Таълимоти брахмания-таълимоти ҷамъияти ғуломдорӣ. Браҳманҳо ва маъбадҳо. Таҳаввулоти браҳмания. Давлат ва дин дар Ҳиндустони қадим. Иштироки дин дар идораи давлатҳои ғуломдории Ҳиндустон. Тамаддуни дини браҳмания.

**Машғулияти амалӣ:** Маълумоти шунавандагон доир ба Ригведа- сарчашмаи таърихӣ ва динии мардуми ориёӣ.

**Мавзуи 7 (4 соат). Буддоия: таълимот ва инкишофи он.**

Буддоия дини ҷаҳонии дар заминаи фарҳанги ҳинду ориёӣ бавуҷудомада. Буддо ва таносули (ташкилёбии) он ( асри У1-и пеш аз мелод). Саидхарта Гаутама-пайғамбари дини буддоия. Зиндагӣ ва тарки чаҳор ҳақиқат ва усули таълимоти Буддо. Маънои “бедор”ё “бедоршуда”-ро ифода намудани калимаи буддо. Ахлоқи буддоия. Покию покизагӣ, – бузургтарин ибодат дар буддо. Панҷ дастури буддо барои раҳоӣ аз афкори нопок. Нирвана-ин саодат ва оромии абадӣ. Паҳншавии буддизм ба хоки Ҳиндустон ва берун аз он. Шаклҳои асосӣ ва таҳаввулоти буддоия. Фирқаҳои буддизм.

Тхеравада, Маҳаяна ва Ламаизм. Таълимотҳои онҳо.Ҷаҳоншавии дини буддоия. Буддоияи ҳозира ва мақоми он дар ҷаҳони муосир.

**Машғулияти амалӣ:** Нақши дини буддоия дар сарзамини тоҷикнишин. Панҷ дастури буддо барои раҳоӣ аз афкори нопок (аз таҷриба)

**Мавзуи 8 (2 соат). Насрония ва таҳаввулоти он.**

Шароити иҷтимоӣ-сиёсии Фаластин ва Яҳудия дар охири саддаи асри 1 пеш аз мелод. Заминаҳои таърихии ба вуҷуд омадани дини насронӣ. Зиндагӣ ва таълимоти Исои Масеҳ. Таълимоти масеҳӣ дар бораи Худо. Асли ваҳдати се зоҳиршавӣ- Худопадар, Худописар ва Рӯҳулқудус.Исо - чун инсон. Тавлиди дубораи ӯ. Библия - – китоби муқаддаси насрониён. “Аҳди қадим” ва “Аҳди ҷадид”- қисматҳои китоби “Библия”.Чаҳор китоби “Инҷил”. Шарҳи ҳол ва таълимоти Исои Масеҳ. Асли таълимоти ахлоқии масеҳият: ғалаба бар бадӣ ба тариқи муҳаббат. Таълимот дар бораи инсон, дар бораи покӣ ва наҷот.Таълимот дар бораи калисо. Калисо-тани Исо, салтанати илоҳӣ дар рӯйи замин.

Сабабҳои асосии динӣ ва дунявӣ дар насрония ( асри Х1).

**Машғулияти амалӣ:** Фикру ақидаҳои шунавандагон нисбат ба таносуб ва якрангии таълимоти дини насронӣ аз дигар динҳои ҷаҳонӣ

**Мавзуи 9 (2 соат) Католисизм ва таҳаввулоти он.**

Пароканда гардидани Империяи Рим ва ба вуҷуд омадани ҷудогиҳо дар масеҳият. Таҳаввулоти масеҳият. Ҷудо шудани насрония ба католикҳо ва православҳо.

Маънои католитсизм (умумиҷаҳонӣ).Навгониҳои католитсизм дар насрония ва сабабҳои динӣ ва дунявии онҳо. Католисизм дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва динии Аврупои Ғарбӣ ва Марказӣ. Сармоядорӣ ва таҳаввулоти католисизм. Калвинизми Аврупоӣ–кушиши муросои заминдорону саноатчиёну савдогарону истеъмолгарони Аврупои Ғарбӣ.Шохаҳои католисизм ва сабабҳои пайдоиши онҳо. Католисизми муосир: ҳадафҳо ва хатарҳои он. Ватикан-маркази католикҳои ҷаҳон.Мақом ва мартабаи Папаи Рим дар калисои католикӣ.

**Машғулияти амалӣ**: Нақши Папаи Рим дар ҷаҳони муосир.

**Мавзуи 10 (2 соат). Православия: таълимот ва таҳаввулоти он.**

Аз таърихи ҷудошавии православия аз масеҳият. Сабаби ҷудошавӣ. Фарқияти таълимоти православӣ аз католикӣ. Таълимоти православӣ оид ба ҷомеа ва тақдири дунявии инсон ва ҷомеа. Паҳншавии православия. Дини насронӣ дар шакли дини православӣ дар асри Х, паҳн гардидани он дар Руси қадим. Сабаб ва омилҳои ҷойи динҳои қадимаи славяниро ишғол намудани дини православӣ. Дини насронӣ- дини расмии давлати Рус. Таҳаввулоти православия дар асрҳои Х1-ХУ111 ва сабабҳои он. Православияи муосир. Ба 15 калисои мустақил тақсим гардидани православия.

**Машғулияти амалӣ:** Мавқеи калисои рус дар Русияи муосир.

**Мавзуи 11 (6 соат.) Кори амалӣ дар муассисаҳои такягоҳӣ (базавӣ), осорхона.**

Иштирок ва мушоҳида намудани дарси яксоатаи омӯзгорони таърихи дин ва расонидани кӯмаки методӣ. Хулоса ва ҷамъбасти дарс. Гузарондани дарси амалӣ дар осорхонаҳо ва китобхонаи миллӣ.

**Дарси амалӣ.** Иштирок ба соатҳои тарбиявӣ, таҳлил намудан ва додани маслиҳатҳои методӣ барои беҳбудии мавзуъҳои соатҳои тарбиявӣ. Шиносой ва додани маслиҳатҳои методӣ доир ба ҳуҷҷатдории омӯзгорони фанни таърихи дин. Маъвод ва ороиши гӯшаҳо.

**Мавзуи 12. Раванди мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1.Тавсифи коррупсия ҳамчун зуҳурот

2.Оқибатҳои коррупсия ва таъсири он ба амалишавии ҳуқуқҳои инсон

3.Роҳҳои мубориза ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мафҳуми «коррупсия» аз забони лот. –вайрон кардан, харида гирифтан. Мафҳуми ҳозираи коррупсия. Коррупсия сӯиистифода аз ҳокимияти давлатӣ барои гирифтани фоида ба мақсадҳои шахсӣ. Сабабҳои коррупсия. Коррупсия ҳамчун зуҳуроти номатлуби замони муосир. Андешидани чораҳои мушаххаси қонунӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ баҳри пешгирии ҳама гуна ҷинояту ҷинояткорӣ ва мубориза бо коррупсия. Қабули Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид аз санаи 31 октябри соли 2003 зидди коррупсия. Эътирофи Конвенсияи мазкур аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 25 сентябри соли 2006. Аҳамияти қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005. Бо мақсади мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта санаи 10 январи соли 2007 таъсис додани Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза

бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар самти муқовимат ба коррупсия бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани барномаҳои зиддикорупсионии давлатии «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» (26 январи соли 2008 №34) ва «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» (30 августи соли 2013 таҳти № 1504). Кафолатҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо аз коррупсия дар Тоҷикистон. Ҷанбаҳои ичтимоии коррупсия. Муқовимат ба коррупсия- кори дастаҷамъона. Коҳиши болоравии коррупсия натиҷаи ҳамбастагии ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақомоти давлатӣ.

**Дарси амалӣ:** Фикру ақида ва андешаҳои шунавандагон доир ба аҳамияти қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия”, оқибатҳои коррупсия ва таъсири он дар ҷамъият ва роҳҳои мубориза бар зидди коррупсия (аз таҷриба)

**Адабиёт:**


1. Абурайҳони Берунӣ. Осор-ул-Боқӣ.-Душанбе: Ирфон,1990
2. Абдуллозода Ш. Асосҳои диншиносӣ. – Душанбе, 2000.
3. Авесто.-Душанбе: Адиб.-1990
4. Абдуллоев Ш., Музаффарӣ М., Мирзоев Ғ. Таърихи дин. Китоби дарсӣ барои синфи 9. - Душанбе: Маориф, 2015.
5. Древние цивилизации./под.общ.рек.Г.М. Бонгард Лабина.М:, Мысль.-1989.
6. Токарев С.А. Религии в истории народов мира.-М.,1986
7. Токарев С.А. Ранние формы религии. – М., 1990.
8. Қуръони карим. – Душанбе, 2016.
8. Таърихи дин. Мураттибон Ш. Абдуллоев, М. Музаффар, Ғ. Мирзоев.-Душанбе, 2015.
9. Васильев Я.С. История религии Востока. – М., 1993.
10. Основы религиоведения. – М., 1998.
11. Ҳакимов Н, Ҳомидова Қ. Мухтасари таърихи динҳо. – Душанбе, 2005.
12. Ғоибов Ғ. Таърихи динҳо – Душанбе, 2009.
13. 14.Эмомалӣ Раҳмон, Танзими расму оинҳо-талаботи замон (матн): Суханронӣ дар маҷмаи умумиҷумҳуриявӣ доир ба ба танзими расму оинҳои халқӣ. -Душанбе: Шарқи озод, 1999.-36с.
15. Эмомалӣ Раҳмон.Дар бораи дин (Матн). Фишурдаи суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон /муҳаррири масъул С. Фаттоев. - Душанбе: Шарқи озод,2006.-553с.

16. Эмомалӣ Раҳмон, Имоми Аъзам ва ҳуввияти миллӣ (Матн): муҳаррири масъул
С. Фаттоев. -Душанбе: Адиб,2009.-111с.
17. Эмомалӣ Раҳмон, Имоми Аъзам ва гуфтугӯйи тамаддунҳо (Матн):/ маҷмӯи мақолаҳо. -Душанбе:Шарқи озод,2009,-320с.
18. Эмомалӣ Раҳмон, Имоми Аъзам ва ҷаҳони муосир (Матн):
Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Симпозиуми байналмилалии шаҳри Душанбе, 05- октябри соли 2009/ муҳаррири масъул С. Комилов.-Душанбе: Эрграф,2009.-416с.
19. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
20. Эмомалӣ Раҳмон оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» шаҳри Душанбе,14 декабри соли 2010 (Матн):- Душанбе:Шарқи озод,2010.-31с.
21. Эмомалӣ Раҳмон. Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ (Матн): - Душанбе: Бухорӣ, 2012.-132с.
22. Эмомалӣ Раҳмон. Дин ва ҷомеа. – Душанбе: «Шарқи озод», 2013.

Ба матбаа ________ супорида шуд.
Ба чоп ____________ иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ ____
Теъдод ___________ нусха.